Бо қарори Шурои методии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» аз «____» ______ с.2025, №_______ тасдиқ шудааст.

Низомномаи
шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Низомнома) дар асоси Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №1401) таҳия шудааст.

2. Шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионӣ (минбаъд – Шуъба) воҳиди сохтории Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Марказ) буда, фаъолияти худро тибқи муқаррароти Оинномаи Марказ ва Низомномаи мазкур, бо мақсади расонидани ёрии методӣ ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами муосири педагогӣ, таъмини методии раванди таҳсилро дар самти истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионӣ дар низоми таълим ба роҳ мемонад.

3. Шуъба таҳти роҳбарии директори Марказ ва муовинони директор фаъолият мекунад.

## 2. ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

4. Шуъба бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим ва корҳои таълимию методӣ бо дарназардошти иттилоотикунонии соҳаи маориф тавассути татбиқ намудани технологияи навини коммуникатсионӣ таъсис дода шуда, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- танзим намудани сомонаи Марказ;
- хизматрасонии иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва тадқикотӣ дар соҳаи маориф;

- тақвият ва такмил додани таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбияи хонандагон;

- ташкил ва гузаронидани семинарҳои таълимӣ, тренингҳо, курсҳои кӯтоҳмуддати мақсаднок дар самти таҳия ва такмили барномаву накшаҳои таълимӣ, ташаккули салоҳияти истифодаи самараноки технологияҳои пешрафтаи педагогӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, шабакаи ҷаҳонии иттилоотии Интернет;

- беҳтар намудани сифати таълим ва корҳои таълимию методӣ бо дарназардошти иттилооткунонии соҳаи маориф тавассути татбиқ намудани технологияҳои навини коммуникатсионӣ;

- вобаста ба сенарияҳои омодакардашуда ба навор гирифтани лаҳзаҳои машғулиятҳои омӯзгорон;

- расонидани ёрии методӣ ба омӯзгрони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, иловагӣ, ибтидоӣ ва олии касбӣ оид ба истифодаи маводи рақамӣ;

- -ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо марказҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- -ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои истифодаи маводи рақамӣ бо кормандони Марказ;

- иҷрои саривақтии қонуну қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ;

- таҳияи нақшаи солонаи Шуъба;

- омода намудани ҳисобот оид ба фаъолият дар семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи Шуъба;

- татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии таълимӣ;

- иштирок дар лоиаҳаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ, таҳқиқоти ва ғайра;

5. Самтҳои фаъолияти Шуъба:

- амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии амали намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Тарҳрезӣ ва саҳифабандии маҷалаҳои Марказ;

- ҳамоҳангсозӣ бо марказҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ ШУЪБА

6. Шуъба ҳуқуқ дорад:

- бо мақсади иттилоотонӣ ва фарогирии васеи фаъолияти Марказ, дар мувофиқа бо директори Марказ дар вебсайти расмӣ, саҳифаҳои муассисар ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои таълимию методи гузорад;

- аз раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Марказ маълумотӣ зарурӣ дархост намояд;

- ба ҷаласаҳои назоратии назди директор, Шурои илмӣ ҳисобот пешниҳод намояд;

- намояндагии Шуъбаро дар ҷаласаҳои дахлдор оид ба масъалаҳои Шуъба амалӣ намояд;

7. Уҳдадориҳои шуъба:

- ҳайати кормандони Шуъба уҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи Оинномаи Марказ, Низомномаи мазкур ва фармоишҳои директор ба роҳ монанд;

- Мудири Шуъба дар ташкили фаъолияти Шуъба, интизоми меҳнат ва ҳисоботдиҳӣ уҳдадор мебошад.

8. Шуъба - дигар ҳуқуқу уҳдадориҳоро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

9. Шуъба дар асоси Оинномаи Марказ барои иҷрои вазифаҳои низомномавӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо уҳдадор мебошад.

10. Шуъба ба директор Марказ ва муовинони директор, ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 4.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБА

11. Сохтор ва теъдоди басти воҳидҳои кории Шуъба тибқи тартиби заминаи №2 Оинномаи Марказ муқаррар карда мешавад.

12. Кормандони Шуъба дар асоси озмун тибқи Оинномаи Марказ ба кор қабул карда шуда

13. Мудири Шуъба тибқи тартиби муқарраршуда бо фармоиши директори Марказ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

14. Ба вазифаи мудири Шуъба шахсе таъйин карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси мувофиқ ва 3 сол собиқаи кории мансабӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ дошта бошад.

15. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони Шуъба дар асоси Оинномаи Марказ, Низомномаи мазкур, вазифаҳои хизматӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ба танзим даровarda мешаванд.

16. Ба ҳайати Шуъба дохил мешаванд: мудир, сармутахассис ва мутахассиси пешбар. Талаботи тахассусӣ, тартиби фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони ҳайати Шуъба дар асоси дастурамали вазифавӣ муайян карда мешавад.

17. Ваколатҳои мудири Шуъба:

- роҳбарии умумии Шуъба;

- иҷрои супоришҳои директори Марказ, муовинон ва мушовирро таъмин менамояд;

- ба фаъолияти Шуъба роҳбарӣ менамояд;

- тибқи талабот дар муҳлатҳои муайяншуда ба директори Марказ, муовинони директор оид ба фаъолияти шуъба ҳисобот пешниҳод менамояд;

- дар доираи шумораи воҳидҳои муқаррарнамуда ва тибқи сохтори тасдиқгардида уҳдадориҳои вазифавии кормандони Шуъбаро дар асоси Оинномаи Марказ, ба Шурои методии Марказ барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

- оид ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудани кормандони Шуъба ба директори Марказ пешниҳод манзур менамояд;

- ҷаласаҳои назди мудири Шуъбаро роҳбарӣ менамояд;

- рафти иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шурои методии Марказро дар Шуъба назорат менамояд;

- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи маориф манъ накардааст, амалӣ менамояд.

18. Дар сурати набудани мудир роҳбарии Шуъба ба зиммаи сармутахассис гузошта мешавад.

19. Шуъба дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дигар қонунҳо, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

20. Шуъба фаъолияти худро дар робитаю ҳамкорӣ бо раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, марказу кабинетҳои методии назди раёсату шуъбаҳои маориф, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он ва дигар вазорату ташкилотҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ба роҳ мемонад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

21. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи маориф ва Оинномаи Марказ сурат мегирад.